| **ДОЛЖНОСТНАЯ ИНСТРУКЦИЯ ОХРАННИКА** | **ДАСТУРАМАЛИ МАНСАБИИ МУҲОФИЗ** |
|---|---|
| **1. Общие положения** | **1. Муқаррароти умумӣ** |
| 1.1. Охранник относится к категории технических исполнителей. | 1.1. Муҳофиз ба категорияи кормандони техникӣ дохил мешавад. |
| 1.2. Охранник назначается на должность и освобождается от нее приказом генерального директора по представлению руководителя службы безопасности / начальника охраны. | 1.2. Муҳофиз бо фармони директори генералӣ ва бо пешниҳоди роҳбари хадамоти бехатарӣ/сардори муҳофиза ба мансаб таъин ва аз мансаб озод мегардад. |
| 1.3. Охранник подчиняется непосредственно руководителю службы безопасности / начальника охраны. | 1.3. Муҳофиз бевосита ба роҳбари хадамоти бехатарӣ/сардори муҳофиза итоат мекунад. |
| 1.4. На время отсутствия охранника его права и обязанности переходят к другому должностному лицу, о чем объявляется в приказе по организации. | 1.4. Дар вақти ҳузур надоштани муҳофиз ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ ба дигар шахси мансабдор мегузарад, ки дар ин бора дар фармони ташкилот эълон мегардад. |
| 1.5. Охранник должен знать: | 1.5. Муҳофиз бояд инҳоро донад: |
| - законы и иные нормативно-правовые акты Российской Федерации, регламентирующие охранную деятельность; | - қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия, ки фаъолияти муҳофизаро танзим мекунанд; |
| - инструкцию по пропускному режиму, образцы пропусков, товарно-транспортных накладных и других пропускных документов; | - дастурамали низоми рухсатдиҳӣ, намунаи рухсатномаҳо, борхатҳои молу наклиёт ва дигар ҳуҷҷатҳои рухсатдиҳанда; |
| - подписи должностных лиц, имеющих право давать распоряжения на ввоз и вывоз (вынос) товарно-материальных ценностей; | - имзоҳои шахсони мансабдоре, ки барои ворид ва содир намудани дороиҳои молию моддӣ ҳуқуқи дастурдиҳӣ доранд; |
| - правила проверок вывозимых грузов; | - қоидаҳои тафтиши борҳои содиршаванда; |
| - порядок задержания лиц, совершивших хищение, оформления на них материалов; | - тартиби боздошт намудани шахсоне, ки ба дуздӣ даст задаанд, барасмиятдарории мавод дар нисбати онҳо; |
| - правила пользования техническими средствами охранно-пожарной сигнализации; | - қоидаҳои истифодаи воситаҳои техникии бонги хатари муҳофизаю сӯхтор; |
| - порядок приема под охрану обособленных помещений, реагирования на срабатывание сигнализации; | - тартиби таҳти муҳофизат гирифтани биноҳои алоҳида, аксуламал ба фаъолшавии бонги хатар; |
| - места расположения первичных средств пожаротушения и связи, порядок пользования ими. | - маҳалҳои ҷойгиршавии воситаҳои |
| 1.6. Охранник руководствуется в своей | |

| | |
|---|---|
| деятельности:<br>- законодательными актами РФ;<br>- Уставом организации, Правилами внутреннего трудового распорядка, другими нормативными актами компании;<br>- приказами и распоряжениями руководства;<br>- настоящей должностной инструкцией.<br><br>**2. Должностные обязанности охранника**<br>Охранник выполняет следующие должностные обязанности:<br>2.1. Несет службу по охране объектов и материальных ценностей.<br>2.2. Осуществляет проверку документов у проходящих на охраняемый объект (выходящих с объекта) лиц и контроль за ввозом и вывозом (выносом) материальных ценностей.<br>2.3. Осуществляет контроль за работой установленных на предприятии приборов охранной и охранно-пожарной сигнализации, сообщает об их срабатывании руководителю службы безопасности / начальнику охраны / дежурному по объекту, а при необходимости - в орган внутренних дел или в пожарную часть.<br>2.4. Выясняет причины срабатывания сигнализации и принимает меры к задержанию нарушителей или ликвидации пожара.<br>2.5. Принимает под охрану от материально ответственных лиц оборудованные сигнализацией обособленные помещения.<br>2.6. При объявлении тревоги на охраняемом объекте перекрывает контрольно-пропускной пункт, выпуск (впуск) с объекта (на объект) всех лиц производит только с разрешения руководителя службы безопасности / начальника охраны. | аввалияи сӯхторнишонӣ ва алоқа, тартиби истифодабарии онҳо.<br>1.6. Муҳофиз дар фаъолияти худ тибқи ҳуҷҷатҳои зерин амал мекунад:<br>- санадҳои қонунгузории Федератсияи Россия;<br>- Оинномаи ташкилот, Қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнат, дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ширкат;<br>- фармону дастурҳои роҳбарият;<br>- дастурамали мансабии мазкур.<br><br>**2. Уҳдадориҳои мансабии муҳофиз**<br>Уҳдадориҳои мансабии муҳофиз чунинанд:<br>2.1. Ҳифзи объектҳои муҳофиза ва дороиҳои моддӣ.<br>2.2. Тафтиши ҳуҷҷатҳои шахсоне, ки ба (аз) объекти ҳифзшаванда ворид (хориҷ) мешаванд, назорати ворид ва содир намудани дороиҳои моддӣ.<br>2.3. Назорати кори асбобҳои муҳофиза ва бонги хатари муҳофизаю сӯхтор, ки дар корхона насб гардидаанд, ҳангоми фаъол шудани онҳо ба роҳбари хадамоти бехатарӣ/сардори муҳофиза/навбатдори объект ва дар ҳолати зарурат, ба мақомоти корҳои дохилӣ ё қисми сӯхторнишонӣ дар ин бора хабар додан.<br>2.4. Муайян намудани сабабҳои фаъолшавии бонги хатар ва андешидани чораҳо ҷиҳати боздошт намудани вайронкунандагон ва бартараф кардани сӯхтор.<br>2.5. Аз шахсони масъули моддӣ барои муҳофизат қабул намудани таҷҳизоти бонги хатари биноҳои алоҳида.<br>2.6. Ҳангоми эълони бонги хатар дар объекти ҳифзшаванда бастани нуқтаи назорату рухсатдиҳӣ, танҳо бо иҷозати роҳбари хадамоти бехатарӣ/сардори муҳофиза ба (аз) объект ворид (хориҷ) намудани ҳамаи шахсон.<br>2.7. Боздошт намудани шахсоне, ки ба |

| | |
|---|---|
| 2.7. Осуществляет задержание лиц, пытающихся незаконно вывезти (вынести) материальные ценности с охраняемого объекта или подозреваемых в совершении правонарушений, и сопровождение их в караульное помещение или отделение милиции. | (аз) объекти ҳифзшаванда дороиҳои моддиро ғайриқонунӣ ворид (хориҷ) кардан мехоҳанд ё шахсоне, ки дар содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ гумонбар дониста мешаванд, ба дидбонгоҳ ё ба шуъбаи милитсия бурдани онҳо. |
| **3. Права охранника**<br>Охранник имеет право:<br>3.1. Запрашивать от структурных подразделений предприятия информацию и документы, необходимые для выполнения его должностных обязанностей.<br>3.2. Вносить на рассмотрение руководства предложения по совершенствованию работы, связанной с предусмотренными настоящей инструкцией обязанностями.<br>3.3. Требовать от руководства предприятия обеспечения организационно-технических условий и оформления установленных документов, необходимых для исполнения должностных обязанностей. | **3. Ҳуқуқҳои муҳофиз**<br>Муҳофиз ҳуқуқ дорад:<br>3.1. Маълумоту ҳуҷҷатҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабияш заруриро аз воҳидҳои сохтории корхона дархост намояд.<br>3.2. Таклифҳоро ҷиҳати такмили кор вобаста ба уҳдадориҳои дар дастурамали мансабии мазкур пешбинигардида ба баррасии роҳбарият пешниҳод намояд.<br>3.3. Таъмини шароитҳои ташкилию техникӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муқарраршудаеро, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруранд, аз роҳбарияти корхона талаб намояд. |
| **4. Ответственность охранника**<br>Охранник несет ответственность:<br>4.1. За невыполнение и/или несвоевременное, халатное выполнение своих должностных обязанностей.<br>4.2. За несоблюдение действующих инструкций, приказов и распоряжений по сохранению коммерческой тайны и конфиденциальной информации.<br>4.3. За нарушение правил внутреннего трудового распорядка, трудовой дисциплины, правил техники безопасности и противопожарной безопасности. | **4. Масъулияти муҳофиз**<br>Муҳофиз барои амалҳои зерин ҷавобгар аст:<br>4.1. Барои иҷро нашудан ва/ё саривақт иҷро нашудани уҳдадориҳои мансабӣ, муносибати хунукназарона нисбат ба кор.<br>4.2. Барои риоя нашудани дастурамалҳои амалкунанда, фармону дастурҳо оид ба ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва маълумоти махфӣ.<br>4.3. Барои риоя накардани қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнат, интизоми меҳнат, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва бехатарии зиддисӯхтор. |